**Иқтибос аз протоколи №7**

маҷлиси васеи Шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 28 феврали соли 2023

**Иштирок доштанд:** раиси Шурои олимони факултет номзади илми филология Раҳимов И.У. ва 20 нафар аъзои Шӯро, роҳбари илмии докторант (Phd) профессор Насриддинов Ф.А., докторант (Phd) Мирзоҳофизиён М.М.

**РӮЗНОМА:**

**5. Масъалаҳои ҷорӣ.**

**5.1. Таъйин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи докторанти (PhD) кафедраи забон ва адабиёти тоҷик Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмиии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

**ШУНИДА ШУД:** декани факултети забонҳои шарқ, номзади илми филология Раҳимов И.У. баъди тасдиқи рӯзномаи ҷаласа қайд кард, ки диссертатсияи докторанти (PhD) кафедраи забон ва адабиёти тоҷик Мирзоҳофизиён М.М. дар мавзӯи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои ташхиси давраи дуюм ба Шурои олимони факултет пешниҳод шудааст. Аз рӯи Низомномаи Шурои диссертатсионии дифои рисолаҳои номзадӣ бояд ду нафар мутахассис-эксперти холис таъйин карда шаванд. Номзадии олимони зерин ба вазифаи эксперти холис пешниҳод карда шуд, ки мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи адабиётшиносӣ мебошанд: Нуров Н. – доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои

ҷомеашиносӣ; Шарифов Ш.Ҳ. – номзади илми филология, муовини директори МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ».

Номзадҳои пешниҳодшуда аз ҷониби ҳозирин дастгирӣ ёфтанд.

Натиҷаи раъйдиҳии кушод: тарафдор 21 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

**БАРОМАД КАРДАНД:** роҳбари илмии докторант (Phd) профессор Насриддинов Ф.А. ва мудири кафедраи филологияи араб номзади илми филология дотсент Анварова М.

Роҳбари илмии докторант (Phd) профессор Насриддинов Ф.А. дар баромади худ зикр дошт, ки интихоб гардидани Нуров Н. – доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносӣ; Шарифов Ш.Ҳ. – номзади илми филология, муовини директори МД «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» ба ҳайси муқарризони холис бамаврид мебошад.

Мудири кафедраи филологияи араб номзади илми филология дотсент Анварова М. иброз намуд, ки муқарризони дар боло номбаршуда дуруст интихоб шудаанд, зеро онҳо дар риштаи адабиётшиносӣ тадқиқот анҷом дода, дар ҳамин соҳа соҳибунвон ҳастанд. Мо умед дорем, ки онҳо диссертатсияи докторанти (Phd) Мирзоҳофизиён М.М. таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом»-ро ҳамаҷониба таҳлил намуда, таҳқиқро мӯшикофона мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида аъзои Шурои олимони факултети забонҳои шарқ **ҚАРОР КАРД:**

1. Баромади декани факултети забонҳои шарқ, номзади илми филология Раҳимов И.У. роҷеъ ба таъйин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи докторанти (PhD) кафедраи забон ва адабиёти тоҷик Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз таҳти унвони «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи

ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба инобат гирифта шавад.

2. Олимони зерин ба сифати муқарризони давраи дуюми экспертизаи диссертатсияи докторанти (PhD) Мирзоҳофизиён М.М. дар мавзӯи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» тасдиқ карда шаванд:

1) **Нуров Нуралӣ** – доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

2) **Шарифов Шодиқул Ҳасанович** – номзади илми филология, муовини директори МД-и «Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ».

3. Аз Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-037 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт, матншиносӣ, нусхашиносӣ) хоҳиш карда шавад, ки қарори мазкурро дастгирӣ намояд.

Раиси маҷлис,
номзади илми филология: Раҳимов И.У.

Котиби маҷлис,
номзади илми филология: Содиқова Р.

«Имзоҳои Раҳимов И.У. ва Содиқова Р.-ро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992) 900420202
E-mail: n.ehson@mail.ru